# Биёбон



COMIC BIBLE
SOCIETY

Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2022

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ПАС АЗ ВАФОТИ ЗАНАШ МАРЯМ, МУСО ЗАНИ ҲАБАШӢ ГИРИФТ.
ИНРО БИНЕД – БАРОДАРАМОН ЗАНИ ҲАБАШӢ МЕГИРАД!
АММО БОЗ ЯК МАСЪАЛАИ ДИГАР ҲАСТ, КИ МО БОЯД БО ОН БА БАРОДАРАМОН МУРОҶИАТ НАМОЕМ ...
ОЁ ПАРВАРДИГОР ФАҚАТ БА ВОСИТАИ МУСО СУХАН РОНДААСТ?
МАГАР Ӯ БА ВОСИТАИ МО НИЗ СУХАН НАРОНДААСТ?
АҲАМИЯТ ДИҲЕД – АКНУН МУСО МАРДИ ХЕЛЕ ФУРӮТАН БУД, БЕШТАР АЗ ҲАР ОДАМЕ БАР РӮИ ЗАМИН.
ПАРВАРДИГОР ИН СУХАНОНРО ШУНИДА, ҲАР СЕЯШОН СӮИ ХАЙМАИ ВОХӮРӢ ДАЪВАТ КАРД.
ҲОРУН ВА МАРЯМ – НАЗДИК БИЁЕД. СУХАНОНИ МАРО ГӮШ КУНЕД...
АГАР ДАР МИЁНИ ШУМО ПАЙҒАМБАРИ ПАРВАРДИГОР БОШАД, МАН ДАР РӮЪЁ БА ВАЙ ЗОҲИР МЕШАВАМ, ДАР ХОБ БА ВАЙ СУХАН МЕРОНАМ.
АММО БО БАНДАИ МАН МУСО ЧУНИН НЕСТ – Ӯ ДАР ТАМОМИ ХОНАИ МАН БОВАРИНОК АСТ.
МАН БО Ӯ РӮ БА РӮ ГУФТУГӮ МЕКУНАМ – ОШКОРО ВА НА БО РАМЗ – ВА Ӯ СИМОИ ПАРВАРДИГОРРО МЕБИНАД.
ПАС, ЧАРО ШУМО НАТАРСИДА, ЗИДДИ БАНДАИ МАН МУСО ГАП ЗАДЕД?

АДАДҲО 12:1-8






АДАДҲО 12:9-16


ХУДО БА МУСО ГУФТ, КИ ЯКНАФАРӢ АЗ ҲАМАИ ДУВОЗДАҲ ҚАБИЛА ФИРИСТАД, ТО КИ САРЗАМИНИ КАНЪОНРО ҶОСУСӢ КУНАНД.
ДАР БАЙНИ ОНҲО ЁРДАМЧИИ Ӯ ЕҲУШАЪ НИЗ БУД.
ДАР КӮҲИСТОН ВА ДАР НАҶАБ ГАРДИШ КУНЕД.
ВА САРЗАМИНРО БИНЕД, КИ ОН ЧӢ ГУНА АСТ, СОКИНОНИ ОН ПУРЗӮРАНД Ё КАМҚУВВАТ,
КАМШУМОРАНД Ё СЕРШУМОР, ВА ВА АЗ МЕВАИ ОН САРЗАМИН БИЁРЕД.
ДУВОЗДАҲ ҶОСУС БА МУСО ВА БА ТАМОМИ ҶАМОАТИ ИСРОИЛ ДАР БОРАИ ОН ЧИЗҲОЕ КИ ДИДАНД, ХАБАР РАСОНДАНД.
МО ИН ГУНА АНГУРРО ҲЕҶ ГОҲ НАДИДАЕМ!
ВА ОНҲО, ПАС АЗ ОН КИ САРЗАМИНРО ЧИЛ РӮЗ ҶОСУСӢ КАРДАНД, БАРГАШТАНД.






АДАДҲО 13:27-33




АДАДҲО 14:1-10


ТО БА КАЙ ОНҲО БА МАН БОВАР НАМУДАНРО РАД МЕКУНАНД, БО ВУҶУДИ ҲАМАИ АЛОМАТҲОЕ КИ МАН НИШОН ДОДАМ?
МАН ОНҲОРО ФУРӮ МЕҒАЛТОНАМ – АММО АЗ КАМАРИ ТУ ХАЛҚЕ БА ВУҶУД МЕОВАРАМ, КИ АЗ ОНҲО БУЗУРГТАР ВА ТАВОНОТАР БОШАНД.
АММО МИСРИЁН ДАР ИН БОРА МЕШУНАВАНД!
АГАР ТУ ИН ҚАВМРО КУШӢ, ХАЛҚҲО МЕГӮЯНД: "ПАРВАРДИГОР ИН ҚАВМРО БА САРЗАМИНЕ КИ БА ОНҲО ВАЪДА КАРДА БУД, ОВАРДА НАТАВОНИСТ… "
ПАРВАРДИГОР ДЕРХАШМ ВА БУЗУРГМЕҲР АСТ, ГУНОҲ ВА ХАТОРО МЕБАХШАД.
АЗ РӮИ МЕҲРИ БУЗУРГИ ХУД ГУНОҲИ ИН МАРДУМРО БУБАХШ, ЧУНОН КИ ОНҲОРО АЗ ЗАМОНИ МИСРРО ТАРК КАРДАШОН ТО ҲАМИН ВАҚТ БАХШИДАӢ.
МУВОФИҚИ СУХАНИ ТУ ОНҲОРО БАХШИДАМ.
ҲЕҶ КАДОМИ ОНҲО САРЗАМИНЕРО, КИ МАН БА ПАДАРОНАШОН БО ҚАСАМ ВАЪДА КАРДААМ, НАХОҲАНД ДИД – ҲАМАИ ОНҲОЕ КИ МАРО ХОР ДОШТААНД, ОНРО НАХОҲАНД ДИД.
ВАЛЕ АЗБАСКИ КОЛЕБ МАРО САМИМОНА ПАЙРАВӢ НАМУД, ӮРО ВА АВЛОДОНАШРО МАН БА САРЗАМИН ДОХИЛ МЕКУНАМ.
ПАГОҲ БО РОҲИ БАҲРИ ҚУЛЗУМ СӮИ БИЁБОН РАВОНА ШАВЕД.




АДАДҲО 14:24-35


КАСОНЕ КИ МУСО БАРОИ ҶОСУСИИ САРЗАМИН ФИРИСТОДА БУД, ОН КАСОНЕ КИ ДАР БОРАИ САРЗАМИН ОВОЗАИ БАД ПАҲН КАРДАНД, АЗ ВАБО МУРДАНД.
АЗ БАЙНИ ДУВОЗДАҲ ҶОСУС ФАҚАТ ЕҲУШАЪ ВА КОЛЕБ ЗИНДА МОНДАНД.
ЧУН МАРДУМ ИНРО ШУНИДАНД, БИСЁР АНДӮҲГИН ШУДАНД. ВА САҲАРИИ БАРВАҚТ БАРХЕСТАНД, ВА БА МАҲАЛЛИ КӮҲСОР БАРОМАДАНД.
ИНАК, МО ТАЙЁРЕМ БА МАКОНЕ КИ ПАРВАРДИГОР ВАЪДА ДОДААСТ, РАВЕМ.
ЧАРО ШУМО БА ФАРМОНИ ПАРВАРДИГОР БЕИТОАТӢ МЕКУНЕД? ИН КОРАТОН МУВАФФАҚИЯТ НАМЕЁБАД!
БАР ЗИДДИ АМОЛЕҚИЁН ВА КАНЪОНИЁН НАРАВЕД, ЗЕРО ПАРВАРДИГОР БО ШУМО НЕСТ.
ВАЛЕ ОНҲО БО ҲАВОБАЛАНДӢ БА КӮҲСОР БАРОМАДАН ГИРИФТАНД, АГАРЧИ САНДУҚИ АҲДИ ПАРВАРДИГОР ВА МУСО БО ОНҲО НАБУДАНД.
ВА АМОЛЕҚИЁН ВА КАНЪОНИЁН, КИ ДАР ОН КӮҲИСТОН СОКИН БУДАНД, БА ОНҲО ҲУҶУМ КАРДА, ТО ҲУРМО ГУРЕЗОН КАРДАНД.


ҚУРАҲ ВА ТАҚРИБАН 250 САРВАР ЗИДДИ МУСО БАРХЕСТАНД.
МУСО, ТУ ГУМОН МЕКУНӢ, КИ ТАНҲО ТУ БА ХУДО НАЗДИК ҲАСТӢ. МО АЙНАН БА МОНАНДИ ТУ МУҚАДДАС ҲАСТЕМ. ТАМОМИ ҶАМОАТ САРОСАР МУҚАДДАСАНД. МО ЭҲТИЁҶ НАДОРЕМ, КИ ТУ ВА ҲОРУН БА МО ЧӢ КОР КАРДАНРО БИГӮЕД ВА БАР МО ДОВАРӢ КУНЕД.
ҲА, МАН АЗ ҲАМАИ ИН ОВОРАГАРДӢ ДАР БИЁБОН БО ХУДО, КИ БАРОИ МАСЪАЛАҲОИ **КАМАҲАМИЯТ** МЕКУШАД, ХАСТА ШУДААМ.
ҲА, ИН ХАТОИ МУСО АСТ. МЕЪЁРҲОИ Ӯ БЕҲАД БАЛАНД МЕБОШАНД.
МУСО БА ХАЙМАИ ВОХӮРӢ РАФТА АЗ ХУДО ПУРСИД, КИ ЧӢ КОР КУНАД.
ХУДО ГУФТ: “ЭЙ БАНӢ-ЛЕВӢ, ШУМО **МАСЪУЛИЯТИ** БЕҲАД ЗИЁДРО БА ӮҲДА МЕГИРЕД. ШУМО КАСОНЕРО КОҲИН КАРДАНӢ ҲАСТЕД, КИ ХУДО ОНҲОРО БА ИН КОР ТАЪЙИН НАКАРДААСТ”.
ПАГОҲ **ПАРВАРДИГОР** БАЙНИ ҲАМАИ МО ДОВАРӢ МЕКУНАД ВА МО МЕФАҲМЕМ, КИ КИҲО КОҲИНОНИ ХУДО МЕБОШАНД, КИҲО МУҚАДДАСАНД ВА КИҲО МУҚАДДАС НЕСТАНД.
ПАГОҲ САҲАРӢ НАЗДИ ХАЙМАИ ВОХӮРӢ БИЁЕД. ҲАР ЯКЕ МАҶМАРИ ХУДРО БО ОТАШ БАР ОН БИЁРЕД.

АДАДҲО 16:2-6


РӮЗИ ДИГАР.
НАЗДИК ОЕД, ЭЙ ОНҲОЕ КИ ХУДРО МУҚАДДАС МЕҲИСОБАНД, ОНҲОЕ КИ МЕХОҲАНД КОҲИНОН БОШАНД ВА ХАЛҚРО РОҲБАРӢ НАМОЯНД.
ХУДО ИМРӮЗ БА ИН ҶО МЕОЯД, ВА Ӯ ИНТИХОБ МЕКУНАД. МО ТАВОНОЙ ВА ҶАЛОЛИ ӮРО МЕБИНЕМ.
ХУДРО АЗ ОН МАРДУМИ БАДКИРДОР ҶУДО КУНЕД, ЗЕРО МАН ОНҲОРО ДАР ЯК ЛАҲЗА НЕСТ МЕКУНАМ.
АММО МУСО ВА ҲОРУН ПЕШИ ПАРВАРДИГОР БА РӮЙ АФТОДАНД.
ЭЙ ХУДО, ХУДОИ ТАМОМИ БАШАР, ЯК КАС ГУНОҲ КАРДААСТ, ВА ТУ БАР ТАМОМИ ҶАМОАТ ДАРҒАЗАБ МЕШАВӢ?
АЗ ПЕШИ ХАЙМАҲОИ ИН ОДАМОНИ БАДКИРДОР ДУР ШАВЕД, ВА БА ЯГОН ЧИЗЕ КИ АЗ ОНИ ОНҲОСТ, ДАСТ НАРАСОНЕД, МАБОДО БА САБАБИ БИСЁРИИ ГУНОҲҲОИ ОНҲО БА ҲАЛОКАТ РАСЕД.




АДАДҲО 16:28-35




АДАДҲО 16:36-49


БАНӢ-ИСРОИЛ БА ҚОДЕШ ДАР БИЁБОНИ СИН РАСИДАНД; ВА МАРЯМ ДАР ОН ҶО МУРД. ВА ДАР ОН ҶО МАРДУМ БОЗ ИСЁН КАРДАНД.
ШУМО МОРО БА ИН БИЁБОН ОВАРДЕД, ТО КИ МО ВА ЧОРПОЁНИ МО ДАР ИН ҶО МУРЕМ.
ЧАРО МОРО АЗ МИСР БЕРУН БАРОВАРДА, БА ИН ҶОИ БАД ОВАРДЕД?
КОШКИ МО ҲАМ МЕМУРДЕМ, ҲАНГОМЕ КИ ПАРВАРДИГОР БАРОДАРОНИ МОРО КУШТ!
КУҶОСТ ЗАМИНИ ҲОСИЛХЕЗ БАРОИ ЗИРОАТҲОИ ҒАЛЛАДОНА, КИ ТУ ДАР БОРАИ ОН БА МО ГУФТА БУДӢ?
ДАР ИН ҶО ҲАТТО ОБ БАРОИ НӮШИДАН БА ҚАДРИ КОФӢ НЕСТ
АСОИ ҲОРУНРО ГИР ВА МАРДУМРО ҶАМЪ КУН.
ДАР ПЕШИ НАЗАРИ ОНҲО БА КӮҲПОРА ГӮЕД, КИ ОБИ ХУДРО ДИҲАД:
ТУ БАРОИ ОНҲО АЗ КӮҲПОРА ОБ МЕДИҲӢ, КИ БАРОИ ҲАМАИ МАРДУМ ВА ЧОРПОЁНИ ОНҲО КИФОЯ ХОҲАД БУД!






АДАДҲО 20:9-13


ВА МУСО ҚОСИДОНРО НАЗДИ ПОДШОҲИ АДУМ ФИРИСТОДА, ХОҲИШ КАРД, КИ ИҶОЗАТ ДИҲАД, ТО ОНҲО АЗ ЗАМИНИ Ӯ ГУЗАРАНД, ЗЕРО ОНҲО БА ВОСИТАИ ЯЪҚУБ ВА ЭСАВ ХЕШИГАРӢ ДОШТАНД.
АММО АДУМ БО ЛАШКАРИ ЗИЁДЕ БЕРУН ОМАД ВА ИҶОЗАТ НАДОД, КИ ИСРОИЛ АЗ ҲУДУДИ Ӯ ГУЗАРАД.
ҲАНГОМЕ КИ МАРДУМ БА КӮҲИ ҲӮР РАСИДАНД, ҲОРУН ВАФОТ КАРД, ЗЕРО ХУДО ГУФТА БУД, КИ “Ӯ БА ЗАМИНЕ КИ МАН БА ХАЛҚИ ИСРОИЛ ВАЪДА КАРДААМ, ДОХИЛ НАМЕШАВАД, ЗЕРО ҲАР ДУИ ШУМО ДАР МАСЪАЛАИ ОБИ МЕРИБО АЗ ФАРМОНИ МАН САРКАШӢ КАРДЕД”.
АММО ЧУН МАРДУМ КӮҲИ ҲӮРРО ТАРК КАРДАНД, БОЗ БА ШИКВА САР КАРДАНД ВА ХУДО БО ИН БО РОҲИ ДИГАРЕ АКСУЛАМАЛ НАМУД.
ТО БА КАЙ МО БА ИН ВА БА САРВАРИИ МУСО ТОБ ОВАРЕМ.
ХУДИ ҲАМОН ХӮРОК – ГАШТАВУ БАРГАШТА ҲАМОН ЯК ЧИЗ.
ЭҲ! НИГОҲ КУНЕД.
МОРҲО... МОРҲОИ БИСЁР!
ХУДО БИСЁР МОРҲОИ ЗАҲРДОРРО ТАЙЁР КАРД, ТО БА БОШИШГОҲ ДАРОМАДА, ОДАМОНРО ЗАҲР ЗАНАНД. ХУДО РАҲМДИЛ АСТ, АММО Ӯ ИҶОЗАТ НАМЕДИҲАД, КИ ГУНОҲ ДОИМ ДАВОМ КУНАД.


БА ЗУДӢ БОШИШГОҲ АЗ МОРҲОИ ЗАҲРДОР ПУР ШУД.
МОРҲО ҲАТТО ШАБОНА ОНҲОРО ДАР ХАЙМАҲОЯШОН ЗАҲР МЕЗАДАНД.
ХУДОЁ, БА МО ЁРӢ ДЕҲ!
ШШШШШШ
ЁРӢ ДИҲЕД, МАРО МОР ГАЗИД.
ҲАТТО КӮДАКОН БАРОИ ГУНОҲҲОИ ВОЛИДОНАШОН ЗАРАР ДИДАНД.
НЕ, ЮОБ!
ПАДАР!
НЕЕЕ!


АДАДҲО 21:6


АЗ ТАМОМИ БОШИШГОҲ ФАРЁДУ НАДОМАТҲОИ МОРГАЗИДАҲО ШУНИДА МЕШУД. САЗОИ ГУНОҲҲО ДАҲШАТОВАР АСТ.
ДАР ТАМОМИ БОШИШГОҲ ҲАМИН ТАВР АСТ ВА ТОРАФТ БАДТАР ШУДА ИСТОДААСТ. БИСЁРИҲО АЛЛАКАЙ МУРДААНД.
МО БОЯД МУСОРО ЁБЕМ. АЛБАТТА, ИН КОРИ ХУДОСТ. Ӯ АЗ МАРДУМ БАРОИ ГУНОҲҲОЯШОН ХАШМГИН АСТ.
ЗАРБАИ ЗАХТ!
ТУ БОЯД БА ХУДО ГАП ЗАНӢ. МО **САЗОВОРИ** ИН ҶАЗО ҲАСТЕМ, АММО АЗ Ӯ ИЛТИМОС НАМО, КИ МАРҲАМАТ ЗОҲИР НАМОЯД.
КАЙ МАРДУМ МЕФАҲМАНД, КИ ХУДО БА ГУНОҲ МУНОСИБАТИ ҶИДДӢ МЕКУНАД? ОНҲО БОЯД БА ФАРМУДАҲОИ Ӯ ИТОАТ КУНАНД ВА ХАЛҚИ МУҚАДДАС БОШАНД.
ХУДОЁ, ИЛТИҶО МЕКУНАМ, БА ХАЛҚИ ХУД МАРҲАМАТ ЗОҲИР НАМО. ГУНОҲҲОИ ОНҲОРО БУБАХШ.
РАФТА, АЗ МИС МОРЕ БИСОЗ, АЙНАН МОНАНДИ ОН МОРҲОЕ КИ МАРДУМРО МЕГАЗАНД. ОНРО БАР САРИ ХОДАЕ ГУЗОР, ТО ҲАМА ОНРО БИНАНД. БА МАРДУМ БИГӮЙ, КИ ҲАР МОРГАЗИДА, АГАР БА ОН НИГОҲ КУНАД, ФАВРАН СИҲАТ МЕШАВАД.
АДАДҲО 21:7-8


ХУДО ИЛОҶЕРО ПЕШКАШ НАМУД. ТАНҲО БА МОРИ МИСИН НИГОҲ КУН, ВА ТУ ШИФО МЕЁБӢ.
Ӯ МЕМУРАД.
**НЕ!** ХУДО РОҲИ ХАЛОСӢ ПЕШБИНӢ НАМУДААСТ.


ШАВҲАРИ МАН!
ДАР ҲАМА ҶО МОРҲО ҲАСТАНД!
МО БОЯД ӮРО НАЗДИ ХОДАЕ КИ МОРИ МИСИН БАР САРИ ОН АСТ, БАРЕМ, ТО КИ Ӯ НАМУРАД!


**НИГОҲ КУН ВА ЗИНДА МОН!**

АДАДҲО 21:9


ЧАРО ЎРО БАРДУРӮҒ УМЕДВОР МЕКУНӢ?
ДИГАРОН НИГОҲ КАРДАНД ВА СИҲАТ ШУДАНД.
ОЁ НАМЕБИНӢ, КИ МАН МУРДА ИСТОДААМ? ЧАРО МАРО БО ЧУНИН АБЛАҲӢ БЕЗОБИТА МЕКУНӢ?
ХУДО РОҲЕ СОХТААСТ.


МАРДУМ БОРИ ДИГАР ТАВОНОИИ ХУДОРО ДИДАНД. БОШИШГОҲ АЗ МОРҲО ДУРТАР КӮЧОНИДА ШУД ВА ЗИНДАГӢ БА ҲОЛАТИ МУҚАРРАРӢ БАРГАШТ.
АММО МАРДУМ БО РОҲҲОИ ХУД РАФТАНРО ДАВОМ ДОДА, БИСЁР ВАҚТ БА ФАРМУДАҲОИ ХУДО ИТОАТ НАМЕКАРДАНД.


БАНИ ИСРОИЛ АБРРО ПАЙРАВӢ МЕКАРДАНД. ХУДО БА ОНҲО АЗ ОСМОН МАНН МЕДОД ВА БАРОИ НӮШИДАН БО ОБ ТАЪМИН МЕНАМУД.
Ӯ ОНҲОРО БА ЗАМИНИ ВАЪДАШУДА МЕОВАРД, АММО ОНҲО БЕИТОАТ БУДАНД ВА ФАРМУДАҲОИ ӮРО РИОЯ НАМЕКАРДАНД, АЗ ИН РӮ ХУДО ОНҲОРО ВОДОР НАМУД, КИ ДАР ДАВОМИ ЧИЛ СОЛ ДАР БИЁБОН ОВОРАГАРДӢ КУНАНД.






АДАДҲО 22:1-12



АДАДҲО 22:13-20


САҲАРӢ БИЛЪОМ МОДАХАРИ ХУДРО ПОЛОН КАРДА, БО ОН МАРДОН РАВОНА ШУД.
АММО ХУДО ХАШМГИН БУД, ЗЕРО МЕДОНИСТ, КИ ВОДОРКУНАНДАҲОИ БИЛЪОМ ДУРУСТ НАБУДАНД.
ХУДО ФАРИШТАЕРО БО ШАМШЕРИ ЛУЧ ФИРИСТОД.
БА РОҲ БАРГАРД, ЭЙ ҲАЙВОНИ БЕЗАБОН!
ДАФЪАИ ДИГАР ХАР ФАРИШТАРО ДИД ВА ҲАНГОМИ АЗ ПАЙРАҲАИ ТАНГ ГУЗАШТАН ПОИ БИЛЪОМРО БА ДЕВОР ФИШУРД.
ҲАЙВОНИ БЕАҚЛ – БА ТУ ЧӢ ШУД!
ВАҲ...
БАЪД ФАРИШТА ДАР МАКОНИ ТАНГЕ ИСТОД, КИ БАРОИ ГАШТАН БА РОСТ Ё ЧАП РОҲЕ НАБУД – ВА ХАР ХОБИД.
МАН БОЯД БО ТУ БОЯД АЗ ЗАДАН БЕШТАР РАФТОР КУНАМ, ЭЙ ҲАЙВОНИ БЕЗАБОН!
АДАДҲО 22:21-27




АДАДҲО 22:28-38


ЧАРО ИН ҚАДАР ТАЪХИР КАРДӢ? ОХИР, МАН ВАЪДА КАРДА БУДАМ, КИ ТУРО ИЗЗАТУ ИКРОМ МЕКУНАМ!
ИНАК, НАЗДИ ТУ ОМАДААМ, АММО ФАҚАТ ҲАМОН СУХАНОНРО МЕГӮЯМ, КИ ХУДО БА МАН МЕГӮЯД.
БАРОИ МАН ҲАФТ ҚУРБОНГОҲ СОЗ.
БАР КӮҲИ БОМӮТ-БААЛ ИСРОИЛИЁНРО ДИД, КИ ДАР РӮ БА РӮИ ОНҲО ХАЙМА ЗАДААНД, ВА БОЛОҚ МИҚДОРИ ЗИЁДИ ГОВҲО ВА ГӮСФАНДОНРО ҚУРБОНӢ НАМУД.
АКНУН ДУШМАНОНАМРО ЛАЪНАТ ГӮЙ.
АММО ЧӢ ТАВР ОНЕРО, КИ ХУДО ЛАЪНАТ НАКАРДААСТ, ЛАЪНАТ КУНАМ?
ОНҲО ЧУН ХОК ШУМУРДАНАШАВАНДА ВА БЕҲИСОБАНД.
КОШКИ ОҚИБАТИ МАН ЧУН ОҚИБАТИ ОНҲО БОШАД!
ТУ ЧӢ КАРДӢ – ТУ ДУШМАНОНИ МАРО БАРАКАТ ДОДӢ!
БО МАН БА ҶОИ ДИГАРЕ БИЁ; АЗ ОН ҶО ФАҚАТ ЯК ҚИСМИ ИСРОИЛИЁНРО МЕБИНӢ. АҚАЛЛАН МИҚДОРИ ЗИЁДИ ОНҲОРО ЛАЪНАТ НАМО!


БАР КӮҲИ ФИСҶА БОЛОҚ ҲАФТ ҚУРБОНГОҲИ ДИГАР СОХТА, ҚУРБОНИҲО ОВАРД.
ДАР ИН ҶО НАЗДИ ҚУРБОНИИ СӮХТАНИИ ХУД ИСТО, ВА МАН БА ВОХӮРИИ ПАРВАРДИГОР МЕРАВАМ.
ХУДО ЧӢ ГУФТ?
БАРХЕЗ, ЭЙ БОЛОҚ, ВА ГӮШ КУН.
ХУДО ОДАМ НЕСТ, КИ ДУРӮҒ ГӮЯД – БАР ХИЛОФИ ОДАМОН, Ӯ ФИКРАШРО ДИГАР НАМЕКУНАД.
ЯҲУВА ХУДОЯШОН БО ОНҲОСТ. Ӯ ПОДШОҲИ ОНҲОСТ!
ЗИДДИ ЯЪҚУБ ҲЕҶ ЛАЪНАТЕ ИМКОНПАЗИР НЕСТ, ЗИДДИ Ӯ ҲЕҶ ҶОДУЕ КАРДАН НАМЕШАВАД.
ОНҲО НАМЕХОБАНД, ТО ДАМЕ КИ ЧИЗИ ДАСТГИРКАРДААШОНРО НАХӮРАНД ВА ХУНИ КУШТАШУДАГОНРО НАНӮШАНД!
АГАР ОНҲОРО ЛАЪНАТ ХОНДА НАТАВОНӢ, АҚАЛЛАН ОНҲОРО БАРАКАТ НАДЕҲ!
МАГАР БА НАГУФТА БУДАМ, КИ ҲАР ОН ЧИ ПАРВАРДИГОР ГӮЯД, БОЯД ҲАМОНРО ГӮЯМ?
ТУРО БА ҶОИ ДИГАРЕ МЕБАРАМ – ШОЯД, ОН БА ХУДО ПИСАНД ОЯД, ТО БА ТУ ИҶОЗАТ ДИҲАД, КИ ОНҲОРО ЛАЪНАТ ХОНӢ.


ОНҲО БАР КӮҲИ ФАӮР ҲАФТ ҚУРБОНГОҲИ ДИГАР СОХТАНД.
ЧУН БИЛЪОМ ДИД, КИ ИСРОИЛРО БАРАКАТ ДОДАН БА ПАРВАРДИГОР ПИСАНД МЕОЯД, БАР ХИЛОФИ ДАФЪАҲОИ ПЕШТАРА БА ҶОДУГАРӢ РӮЙ НАОВАРД.
МАН ОН ЧИРО, КИ ХУДОИ ТАВОНО БА МАН НИШОН ДОДААСТ, ДИДАМ… ЧАШМОНИ МАН ВОЗ ШУДАНД:
ОНҲО БО ФАРОВОНИИ ОБ ВА ЗИСТАН ДАР ҶОЙҲОИ БИСЁР БАРАКАТ ДОДА МЕШАВАНД.
ПОДШОҲИ ОНҲО АЗ АҶАҶ БУЗУРГТАР МЕШАВАД, МАМЛАКАТИ Ӯ БОЛОБАРДОР КАРДА МЕШАВАД.
ХУДО ОНҲОРО АЗ МИСР БЕРУН ОВАРД.
ИСРОИЛ ҚУВВАТИ ГОВУ ВАҲШИРО ДОРАД ВА ХАЛҚҲОЕРО, КИ ЗИДДИ Ӯ МЕБАРОЯНД, МЕХӮРАД.
??!!
ИСРОИЛ ЧУН ШЕРИ НАР Ё ЧУН МОДАШЕР АСТ; КӢ ҶУРЪАТ МЕКУНАД, КИ ӮРО БАРХЕЗОНАД?
ҲАР КӢ ТУРО БАРАКАТ ДИҲАД, БАРАКАТ ЁБАД, ҲАР КӢ ТУРО ЛАЪНАТ КУНАД, ЛАЪНАТӢ ШАВАД!




АДАДҲО 24:10-25


ИСРОИЛ ДАР ШИТТИМ СОКИН ШУД, ВА БАЪЗЕ АЗ ИСРОИЛИЁН БО ЗАНОНИ МАҲАЛЛИИ МЎОБӢ ЗИНО КАРДАН ГИРИФТАНД.
ЯК ҚИСМИ ИН ОИНИ БУТПАРАСТӢ БАДАХЛОҚИИ ҶИНСИРО ДАР БАР МЕГИРИФТ.
ХАШМИ ПАРВАРДИГОР БАР ИСРОИЛ АЛАНГА ЗАД. ВА Ӯ БА МУСО ФАРМУД.
ҲАМАИ САРВАРОНИ ҚАБИЛАҲОИ ИСРОИЛРО ҚАТЛ КУН.
ОНҲОРО БАРОИ ПАРВАРДИГОР ДАР РӮЗИ РАВШАН БА ДОР КАШ, ТО КИ ШИДДАТИ ҒАЗАБИ ПАРВАРДИГОР АЗ ИСРОИЛ БАРГАРДАД.
САРВАРОН ВА ОН МАРДОНЕ КИ БА БУТПАРАСТӢ ВА БАДАХЛОҚИИ ҶИНСӢ ДОДА ШУДА БУДАНД, БО ФАРМОНИ МУСО ВА ДОВАРОНИ ИСРОИЛ БА ДОР КАШИДА ШУДАНД.


МОРО БУБАХШ, КИ БА ИН ЗУДӢ ХУДОЁНИ ДУРӮҒИНРО ПАРАСТИШ НАМУДЕМ!
АММО ҲАНГОМЕ КИ МУСО ВА ИСРОИЛИЁН ДАР НАЗДИ ХАЙМАИ ВОХӮРӢ МЕГИРИСТАНД, ЯК ИСРОИЛӢ АМАЛИ БЕҲАЁЁНА КАРД.
Ӯ ДАР ПЕШИ НАЗАРИ ҲАМА ЗАНИ МИДЁНИРО БА ХАЙМАИ ХУД ОВАРД.
ФИНҲОСИ КОҲИН, НАБЕРАИ ҲОРУН, АЗ ҚАФОИ ОН МАРДИ ИСРОИЛӢ БА ХАЙМА ДОХИЛ ШУД.
Ӯ БАР ОН ДУ ОМАДА НАЙЗА ЗАД ВА НАЙЗА АЗ БАДАНИ МАРД ГУЗАШТА БА ЗАН ХАЛИД.
ВАБО АЗ ИСРОИЛИЁН БАРТАРАФ ШУД – АММО АЛЛАКАЙ 24,000 НАФАР МУРДА БУДАНД.


ФИНҲОС ПИСАРИ ЭЛЪОЗОР ПИСАРИ ҲОРУН, КОҲИН, ҒАЗАБИ МАРО АЗ БАНӢ-ИСРОИЛ ДУР КАРД.
ЧУНКИ БАРОИ ШАРАФИ МАН ДАР МИЁНИ ОНҲО РАШК КАРД, ВА МАН ОНҲОРО БО РАШКИ ХУД НОБУД НАКАРДАМ.
БИНОБАР ИН ГӮЙ: "ИНАК, МАН АҲДИ ОСОИШИ ХУДРО БА Ӯ МЕДИҲАМ.
Ӯ ВА АВЛОДОНИ Ӯ АҲДИ КОҲИНИИ АБАДӢ ХОҲАНД ДОШТ, ЧУНКИ Ӯ БАРОИ ШАРАФИ ХУДОИ ХУД РАШК КАРДА, ИСРОИЛИЁНРО КАФОРАТ НАМУД.
ПАРВАРДИГОР БА МУСО ФАРМУД, КИ ТАМОМИ ҶАМОАТИ БАНӢ-ИСРОИЛРО АЗ БИСТСОЛА ВА БОЛОТАР, КИ ХИЗМАТИ ҲАРБӢ КАРДА МЕТАВОНАНД. ДАР ШУМОР ОВАРАД.
ШУМОРАИ УМУМИИ МАРДОНИ ИСРОИЛ: 601 730 НАФАР БУД – 23,000 ЛЕВИЗОДАГОН БА ҲИСОБ ДОХИЛ НАБУДАНД.
ВА ХУДО БА МУСО ФАРМУД, КИ ЗАМИНРО ДАР САРЗАМИНИ ВАЪДАШУДА МУВОФИҚИ МИҚДОРИ ОДАМОН ДАР ҲАР ЯК ҚАБИЛА ТАҚСИМ КАРДА ДИҲАД.


КОҲИНОН БА ХАЙМАИ ВОХӮРӢ ДИҚҚАТ ДОДАНД ВА ҚУРБОНИҲОИ ҲАРРӮЗАРО ПЕШКАШ НАМУДАНД, ЧУНОН КИ МУСО ФАРМУД.
ПАС АЗ ЧИЛ СОЛИ ОВОРАГАРДӢ ДАР БИЁБОН, ДАР ҲОЛЕ КИ ҲАМА ТАЙЁРӢ МЕДИДАНД БА ЗАМИНИ ВАЪДАШУДА ДОХИЛ ШАВАНД, ХУДО МУСОРО БАР КӮҲЕ ДАЪВАТ НАМУД. ДАР ОН ҶО ПАС АЗ ГУФТУГӮИ ХОТИМАВӢ БО ХУДО, МУСО ДАРОЗ КАШИД ВА ОРОМОНА ВАФОТ КАРД.
РӮҲИ Ӯ ФАВРАН БА ҲУЗУРИ ХУДО БУРДА ШУД. Ӯ ДАР ОН ҶО ТО ОХИРИ ЗАМОН ХОҲАД БУД. ОН ВАҚТ Ӯ ДАР ЗАМИНЕ КИ ХУДО БА ИБРОҲИМ ВАЪДА КАРДА БУД, БОЗ БА ХАЛҚИ ХУД ҲАМРОҲ МЕШАВАД.
ТАКРОРИ ШАРИАТ 34:4-5






ПАЙДОИШ 12:1-3







ТАКРОРИ ШАРИАТ 34:9; ЕҲУШАЪ 5:12





SUPERBIBLE.TV